**Тақриз**

**ба автореферати Бобоева Гулбаҳор Шарифовна дар мавзӯи "Технологияи ташаккули салоҳияти иттилоотии донишҷӯёни макотиби олӣ зимни таълими силсилаи фанҳои педагогӣ дар шароити татбиқи низоми кредитии таҳсилот" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01- педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)**

Дар шароити рушди ҷомеаи муосири Тоҷикистони соҳибистиқлол зарурияти таҷдиди назар намудани низоми омодасозии омӯзгорони босалоҳият пеш омадааст. Дар ин росто, мундариҷа, шаклҳо ва тарзу усули омодасозии омӯзгорони оянда ба фаъолияти дар пешистод амавриди таҳлил қарор гирифта, дар низоми таҳсилоти олии касбӣ, алалхусус ба роҳ мондани муносибати босалоҳият ислоҳоти ҷиддӣ татбиқ шуда истодааст.

Тибқи "Стратегияи рушди маориф барои солҳои 2012-2020", Стандартҳои таҳсилот, барномаҳо ва китобҳои таълимӣ бояд дар асосӣ муносибатҳои бо салоҳият аз нав мавриди таҷдиди назар қарор гиранд.

Мавзӯе, ки Бобоева Г. Ш. мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор додааст дар шароити имрӯзаи ҷомеаи Тоҷикистон хеле муҳим ва саривақтӣ ба ҳисоб рафта, зарурияти дар амал татбиқ намудани масъалаи технологияи ташаккули салоҳияти иттилоотии донишҷӯёни макотиби олиро дар асоси таълими силсилаи фанҳои педагогӣ дар шароити низоми кредитии таҳсилот тасдиқ менамояд.

Дар таҳқиқоти мазкур, кӯшоду равшан, дақиқу саҳеҳ мақсад, вазифаҳо, методҳо, фарзия, асосҳои назариявии таҳқиқот, асосҳои методологӣ, навгонии илмӣ, арзиши амалӣ ва марҳилаҳои таҳқиқот мавриди таҳқиқу татбиқ қарор дода шуда, қазияҳои кори илмӣ оид ба масъалаи технологияи ташаккули салоҳияти иттилоотии донишҷӯён зимни таълими силсилаи фанҳои педагогӣ баррасӣ карда шудааст.

Аз ҷониби муҳаққиқ кӯшиши зиёде ба харҷ дода шудааст, ки аз ҷиҳати назариявӣ ва озмоишӣ шароитҳои мусоидеро интихоб намояд, ки шаклҳо, роҳуравиш ва тарзу усулҳои истифодашуда дар раванди ташаккули салоҳияти иттилоотии донишҷӯён зимни таълими силсилаи фанҳои педагогӣ мантиқан алоқаманд бошанд.

Автореферати Бобоева Г. Ш. шоҳиди медиҳад, ки кори ӯ аз муқаддима, 2 боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат будааст.

Дар муқаддима муҳиммияти мавзӯи таҳқиқот асоснок шуда, дастгоҳи илмии таҳқиқот муайян,мақсаду вазифаҳо ва фарзияи кор

таҳия, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳова масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда мухтасар ва амиқ муайян карда шудаанд.

Дар боби аввали кор, ки таҳти унвони “Ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони оянда дар шароити низоми кредитии таҳсилот” пешниҳод шудааст, масъалаи вазъи феълии омодагии омӯзгорони оянда дар шароити кредитии таҳсилот дар назария ва амалияи илми педагогика мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Дар инҷо, диссертант ба чунин андеша муътақидаст, ки раванди амали гардонии низоми кредитии таҳсилот масъалаи ҷустуҷӯи роҳҳо ва тарзу усули баланд бардоштани сифат ва самаранокии касбии омӯзгорониояндаро ошкор намуд. Дар ин раванд, ташаккули салоҳияти иттилоотӣ мавқеи махсусро ишғол мекунад, зеро худомӯзии муттахасисро дар тули ҳаёт таъмин месозад ва яке аз вазифаҳои умдаи муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ба ҳисоб меравад.

Дар боби дуввум- “Корҳои таҷрибавӣ – озмоишӣ оид ба ташаккули салоҳияти иттилоотии донишҷӯён дар шароити низоми кредитии таҳсилот”татбиқи масъалаи ташаккули силоҳиятнокии иттилоотии донишҷӯёнро инъикос менамояд, ба вижа мақсад, вазифаҳо арзёбӣ шуда, натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ мавриди шарҳ қарор гирифтаанд.

Аз таҳлили таҳқиқот чунин бармеояд, ки диссертант дар рафти таҳлили барномаҳои тайёр намудани омӯзгорони оянда ба ташаккули салоҳияти иттилоотӣ дар низоми салоҳиятҳои касбӣ такя кардаанд, ки натиҷаҳои назаррасро ба даст овардаанд.

Диссертант бо маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ – назариявӣ баромад карда, аз доираи мавзӯи таҳқиқот 22 мақола, аз ҷумла 8 мақола дар нишрияҳои мансуб ба номгӯи маҷаллаву нашрияҳои асосии илмии тақризшаванда, тавсиядодаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст. Интишорот ва таҳқиқоти унвонҷӯ аз он шаҳодат медиҳад, ки ӯ дар ин самт солҳои зиёд мунтазам ва пайдарпай корбарӣ намудааст.

Бояд тазаккур дод, ки диссертант дар интиҳои таҳқиқоти хеш як қатор тавсияҳоро пешниҳод кардааст. Хулосаҳо ва тавсияҳои методие, ки аз тарафи диссертантпешниҳод шудаанд, аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудаанд, онҳо барои омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ манфиати хеле калон доранд.

Муҳиммият ва зарурияти мавзӯи таҳқиқотро ба эътибор гирифта, навигарӣ ва саҳеҳияти таҳқиқотро мусбӣ арзёби намуда, кори Бобоева Гулбаҳор Шарифовна аз ҷиҳати илмӣ-таҳқиқоти дуруст ва баландпояи илмӣ ҳисобида, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон ҷавобгӯ дониста, худи муҳаққиқро бошад ба гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) шоиста меҳисобам.

Мудири кафедраи методикаи таълими
забон ва адабиёти руси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор Ҳоҷиматова Гулчеҳра Масаидовна

**Суроға:**
735140, Ҷумҳурии Тоҷикситон, ш.Душанбе, х. Рудаки, 17
Тел.: +992 93 100 20 58;
E-mail: hojgul@mail.ru

Имзоро тасдиқ мекунам:
Сардори шӯъбаи кадрҳо ва
корҳои махсусӣ ДМТ Тавқиев Э.Ш.

19.11.2021с